**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 03+9302(тоҷ)**

**РАҲИМЗОДА САРВИНОЗ НАЗРУЛЛО**

# ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ФАННИ ТАЪРИХ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.11.1. Назария ва технологияи таълими таърихи халқи тоҷик

**Кӯлоб, 2026**

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ иҷро гардидааст

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** - доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон |
| **Муқаризони расмӣ:** | **Назаров Аҳтам Пулотович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br>**Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин** - номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Агентии ҳифзи мероси таърию фарҳангии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» |

Ҳимояи диссертатсия санаи 19-уми сентябри соли 2026 соати 11:00 дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор мегардад. Email: shuhrat86.86@mail.ru; рақами телефони котиби илмӣ (992) 918 72 07 01.

Бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он тавассути сомонаи www.btsu.tj ва дар китобхонаи илмии ДДБ ба номи Носири Хусрав шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «_______»__________________соли 2026 ирсол шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Раҳматуллоҳзода Ш.Р.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар низоми таълиму тарбияи Тоҷикистон имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд. Онҳо на танҳо ба беҳтар гардидани раванди омӯзиш мусоидат мекунанд, балки барои дастрасии бештар ба иттилоот, истифодаи самараноки воситаҳои таълимӣ ва рушди хизматрасониҳои муосири таҳсилот низ замина мегузоранд.

Истифодаи ТИК дар муассисаҳои таълимӣ метавонад шаклҳои анъанавии омӯзишро тағйир дода, раванди таълимро бештар фаъол, шавқовар ва ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ мутобиқ гардонад. Ба воситаи технологияҳои мазкур омӯзгорон имконият пайдо мекунанд, ки маводи таълимиро бо роҳҳои гуногун пешниҳод намоянд, фаъолияти хонандагонро ҷоннок созанд ва сифати таълимро баланд бардоранд.

Ҳамин тариқ, ҷалби фаъолонаи донишҷӯён ба раванди таълим гузаришро аз усули анъанавии омӯзгормеҳвар ба таълими донишҷӯмеҳвар таъмин менамояд. Дар чунин шароит донишҷӯён танҳо шунавандаи одӣ намемонанд, балки дар ҷустуҷӯ, азхудкунӣ ва истифодаи донишҳо мустақилона иштирок мекунанд.

Ин раванд муҳити таълимиро барои ҳам омӯзгор ва ҳам донишҷӯ ҷолибтар ва интерактивӣ мегардонад. Нақши омӯзгор низ тағйир меёбад: ӯ дигар танҳо интиқолдиҳандаи дониш нест, балки роҳнамо, ташкилкунанда ва мусоидаткунандаи фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

Истифодаи чунин муносибат ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки масъулияти бештарро барои омӯзиши худ ба дӯш гиранд. Онҳо мустақилона иттилооти заруриро ҷустуҷӯ мекунанд, донишҳои бадастовардаи худро таҳлил менамоянд, бо дигарон мубодила мекунанд ва тадриҷан қобилияти омӯзишии худро беҳтар дарк месозанд. Дар натиҷа, донишҷӯён метавонанд барои рушди минбаъдаи худ ҳадафҳои шахсӣ муайян намуда, барои расидан ба онҳо фаъолона кӯшиш намоянд.

Ҳамзамон, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ омӯзгоронро

барои ҳалли мушкилоти таълими муосир бештар омода месозанд. Онҳо ба муаллимон имкон медиҳанд, ки вазифаҳои гуногунҷанбаи худро дар раванди таълим беҳтар дарк намуда, фаъолияти омӯзиширо самараноктар ташкил кунанд.

ТИК на танҳо барои такмили донишу малакаи касбии омӯзгорон муҳим аст, балки барои истифодаи эҷодкоронаи усулҳои нави таълим низ замина фароҳам меорад. Бо ёрии чунин технологияҳо омӯзгор метавонад раванди омӯзишро ҷолибтар гардонад, суръати азхудкунии донишро баланд бардорад ва рушди зеҳнию маърифатии донишҷӯёнро дастгирӣ намояд.

Дар муассисаҳои таълимие, ки ба воситаҳои муосири техникӣ, аз қабили компютер, ноутбук, планшет ё смартфон дастрасии кофӣ надоранд, имкониятҳои ТИК метавонанд тавассути барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ низ истифода шаванд. Ин шакли таълим, махсусан дар шароити маҳдуд будани имкониятҳои техникӣ, метавонад ҳамчун воситаи иловагии омӯзиш хизмат намояд. Барои чунин донишҷӯён воситаҳои анъанавии ТИК, ба монанди тасвирҳо, амсилаҳо, графикҳо, рӯзномаҳо, экскрессияҳо ё намоишгоҳҳои таълимӣ истифода мешаванд. Омӯзгорон метавонанд бо истифода аз ТИК дарсҳои худро омода созанд, саволномаҳо тартиб диҳанд ва барои санҷиши фаъолияти донишҷӯён корҳои ташхисӣ ташкил намоянд. Донишҷӯён бошанд, метавонанд супоришҳои худро бо истифода аз барномаи Word, тарҳҳои эҷодӣ ва қолибҳои омода иҷро кунанд.

Ин малакаҳо махсусан барои фаъолияти минбаъдаи омӯзгории донишҷӯён муҳиманд, зеро онҳо ба ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумот дар шакли гистограмма, диаграммаҳои даврашакл ва дигар намудҳои аёнӣ мусоидат мекунанд.

Донишгоҳҳо бо истифода аз ТИК имконияти ташкили таълими фосилавиро пайдо мекунанд. Ин шакли таълим барои кормандон ва омӯзгорон низ муфид буда, шароити гирифтани дониш ва омӯзишро дар хона фароҳам месозад.

ТИК барои омӯзгорон аз чанд ҷиҳат аҳамият дорад. Он ба рушди касбии

онҳо мусоидат намуда, имкони такмили малакаҳои гуногун, аз ҷумла малакаҳои забониро фароҳам меорад. Ҳамчунин омӯзгорон метавонанд дар барномаҳои гуногуни сертификатсионӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии бонуфуз баргузор мегарданд, иштирок намоянд.

Омӯзгор метавонад бо истифода аз конфронсҳои аудиоӣ ва видеоӣ дар машваратҳо ва конференсияҳо бо коршиносон ва омӯзгорони дигар иштирок намояд. Ин раванд барои такмили дониш ва малакаҳои касбии ӯ мусоидат мекунад.

ТИК ҳамчунин ба омӯзгор дар истифодаи усулҳои инноватсионии таълим ёрӣ мерасонад. Бо ёрии он омӯзгор метавонад бо донишҷӯён дар иҷрои лоиҳаҳо ва вазифаҳои гуногун ҳамкорӣ намояд, маводи таълимӣ ва супоришҳои хонагиро омода созад, инчунин бе ҷудо шудан аз фаъолияти корӣ дар семинарҳо ва дигар чорабиниҳои рушди касбӣ иштирок кунад.

Ғайр аз ин, ТИК ба омӯзгор имконият медиҳад, ки донишҷӯёнро ба истифодаи маводи таълимии интернетӣ, китобҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ равона намояд.

Ҳамчунин ТИК ба омӯзгор дар таҳияи барномаи таълимии фанҳо кумак мерасонад. Ӯ метавонад барномаҳои таълимии кишварҳои гуногунро омӯзад, таҷрибаи онҳоро муқоиса намояд ва мушкилоти марбут ба донишҷӯён, аз ҷумла масъалаҳои иҷтимоӣ ва равониро ба назар гирад.

Ин раванд ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барномаи таълимиро мувофиқ ба ҳадафҳои фан ва талаботи раванди омӯзиш таҳия намояд. Кори донишҷӯ ва устодро ба маротиб осон кунад, барои донишҷӯ фаҳмидани мавзуъ ва мавод осон ва судманд хоҳад буд ва имкон дорад муҳассил ё донишҷӯ тавассути шабакаи Интернет бо омӯзгори хеш дар тамос бошад ва перомуни ин масъала иттилои мавриди ниёзи хешро дарёфт кунад.

Ҳамин тавр, имрӯз барномаҳои гуногуне мавҷуданд, ки раванди таълимро осонтар мегардонанд. Ин барномаҳо барои муоширати омӯзгорон ва донишҷӯён шароит фароҳам оварда, ба азхудкунии дониш оид ба мавзуъҳои мушаххас мусоидат мекунанд.

Омӯзгорон тавассути онҳо метавонанд масъалаҳои гуногуни таълимиро шарҳ диҳанд, донишҷӯён бошанд, маводи пешниҳодшударо беҳтар аз худ намоянд ва дар раванди омӯзиш фаъолона иштирок кунанд.

Дар маҷмуъ, истифодаи чунин имкониятҳо дар шароити имрӯза барои омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисосу равияи таърих муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои инкишофи асосҳои моҳият ва сифатҳои шахсии инсон, ки барои ташаккули касбии он дар оянда дорои аҳамияти муҳим мебошанд, дар фалсафа, равоншиносӣ, педагогика хеле муҳим эътироф карда мешаванд. Ба ҷанбаҳои гуногуни ин масъала дар давраҳои гуногун классикони улуми педагогию психологӣ муроҷиат кардаанд: А. Дистервег [13], О.А. Козлов [20], Т.П. Петухова [32] ва дигарон.

Ташаккули шахсияти омӯзгор, кушодани ҷанбаҳои умуминазариявӣ, такмили шакл ва методҳои омодагии касбию педагогии омӯзгорони оянда дар корҳои донишмандони зерин О.А. Абдуллина [1], С.И. Архангелский [2], М. Лутфуллозода [28], Н.Д. Никандров [31], В.А. Сластенин [36], Н.Ф. Тализина [37] ва дигарон таваҷҷуҳи калон дода шудааст. Дар онҳо мақсад, вазифа ва сохтори омодагии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ асоснок карда шудааст.

Ба масъалаи иттилоотонидани таҳсилот муҳаққиқони зиёде аз қабили М.Ю. Бухаркина [6], О.А. Козлов [20], Е.С. Кравцова [23], Т.А. Лавина [25], И.В. Роберт [33] ва дигарон муроҷиат кардаанд. Иттилоотонидани таҳсилотро онҳо ҳамчун раванди таъмин кардани соҳаи маориф бо методология ва амалияи таҳия ва истифодаи муносиби воситаҳои ТИК, ки ба татбиқи мақсадҳои психологию педагогии таълиму тарбия нигаронида шудааст, муайян кардаанд. Омӯзиши таъсири ТИК ба мазмун ва муҳтавои омодагии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳқиқоти олимони зерин С.А. Бешенкова [5], М.П. Лапчика [26], А.Р. Мирзоев [30], Н.Н. Шоев [42], Ф.С. Комилиён [21], Б.Ф. Файзализода [38], А.Э. Сатторов [12] ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Ба масъалаҳои ҷой ва нақши технологияҳои компюетрӣ ва ташаккули салоҳиятҳои компютерии таълимгирандагон донишмандони зерин аз қабили А.М. Витт [8], А.Н. Завялов [15] ва дигарон машғул шудаанд.

Ҷанбаҳои назариявию методии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар факултетҳои таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз тарафи олимони зерин, З.И. Гузненко [11], М.Н. Дудина [14], Л.Н. Мазур [29], В.В. Шоган [41] ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Сарфи назар аз таваҷҷуҳи доимии олимон ба ҷанбаҳои гуногуни омодагии касбии мутахассисон, асос дорем, чунин ҳисоб кунем, ки дар назария ва амалияи таҳсилоти олии касбӣ маъалаҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки то ҳанӯз мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор нагирифтаанд ва мо метавонем, омӯзиши масъалаи мазмуну муҳтавои назария ва методикаи таҳсилоти касбии таърихиро дар контексти парадигмаҳои нави таълимию маърифатӣ номбар кунем. Омӯзиш ва таҳлили монографии адабиёти психологию педагогӣ, нашрияҳои ҷанбаи назариявӣ ва методӣ дошта, мақолаҳои гуногун дар саҳифаҳои маҷаллаҳо нишон медиҳанд, ки масъалаҳои ТИК ба таълим бахшида шуда, ҳамчун самти муҳимми сифати таҳсилот, асосан, нисбат ба таҳсилоти умумӣ ва камтар нисбат ба таҳсилоти олӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар айни ҳол ҷанбаҳои консептуалию назариявии ин масъала таҳия карда шудааст, дар сурате ки асосҳои илмию методӣ ва таълимию методии истифодаи ТИК дар соҳаҳои мушаххас хеле кам ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, ба мо муяссар нашуд, ки ягон таҳқиқоти илмии марбут ба омодагии омӯзгорони факултети таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбиро пайдо намоем ва ин далел навгонии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии моро бо номи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» ташкил медиҳад.

Сарфи назар аз он ки то андозае масъалаи омодагии назариявию амалии омӯзгорони фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда

шудааст, дар ин таҳқиқот хусусиятҳои омодагии донишҷӯёни факултети таърих нисбат ба истифодаи ТИК бо дарназардошти тағйирёбии фаъолияти педагогӣ дар шароитҳои иттилоотонидани таҳсилот ба таври кофӣ инъикос худро наёфтааст.

Ҳамин тариқ, **ихтилофоти зерин** дар ин байн дида мешаванд:

– талаботи объективии соҳаи маориф ба омӯзгорони фанни таърих, ки ба истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ омодаанд ва сатҳи нисбатан пасти омодагии ин муташаккилӣ нисбат ба ин омодагӣ дар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ;

– дар рӯ ба рӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ истодани вазифаҳои омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих нисбат ба истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ ва ба таври кофӣ набудани коркардҳои илмии шароитҳои педагогӣ ва ҳаллу фасли онҳо дар раванди таълим;

Бо таваҷҷуҳ ба ин ихтилофот проблемаи таҳқиқот ифода карда шудааст: шароитҳои педагогии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих нисбат ба истифодаи ТИК дар фаъолияти педагогӣ чӣ гуна аст?

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2026–2030 (аз 30.04.2026, №232), Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 (аз 31.08.2023, №417), Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 (30.06.2021, №264) ва нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2020-2025 дар мавзӯи «Таҳсилоти муосир ва технологияҳои педагогии инноватсионии таълим» ва иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои асосии пажуҳиш муайян гардида, мақсади таҳқиқот бо фарогирии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии макотиби олӣ оид ба омодагии касбии омӯзгорони ояндаи фанни таърих, бо вазифагузории муайян намудани моҳият, мазмун ва сохтори омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ, муайян намудани объекти муҳимми таҳқиқот, мушаххассозии мавзуи баррасишаванда, ҷамъбастнамоии кори илмӣ дар марҳилаҳои гуногун ва давраи таҳқиқот, асоснокии илмии мавзуъ ва робитаи он бо Стратегия, Барнома ва Консепсияи давлатӣ, маҷмуи натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои нави илмие, ки дар давоми пешбурди фаъолияти илмӣ ба даст омадаанд, мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд.

**Мақсади таҳқиқот** аз муайян намудан, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври таҷрибавӣ санҷидани шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар асоси истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– муайян намудани моҳият, мазмун ва сохтори омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ;

– муайян ва асоснок кардани самтҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгорони фанни таърих;

– муайян намудан, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври таҷрибавӣ санҷидани шароитҳои педагогии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ;

– муайян кардани унсурҳо ва нишондиҳандаҳои омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих ба истифодаи ТИК ва арзёбии сатҳи самаранокии он.

**Объекти таҳқиқот:** фаъолияти таълимӣ-тарбиявии макотиби олӣ оиди омодагии касбии омӯзгорони ояндаи фанни таърих.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**: раванд ва шароитҳои омодагии касбии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар

заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию касбӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Баланд бардоштани самаранокии касбии омодагии омӯзгорониояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ имконпазир аст, агар:

– моҳият, мазмуну муҳтаво ва сохтори омодагии омӯзгорони фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ кушода шавад;

– самтҳои асосии ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгорони фании таърих муайян ва асоснок карда шавад;

– ба амал баровардани ҳамгироии байнифаннии силсилаи фанҳои иттилоотию умумикасбӣ;

– таҳияи мазмуни блокию модулии омодагӣ, ки ҷанбаи истифодабариро иҷро мекунад, масъалаҳои умумии истифодаи ТИК дар соҳаи маориф, инчунин, масъалаҳои татбиқи имконоти ТИК дар соҳаи фанни таърих;

– истифодаи технологияи таълими контекстӣ дар раванди омодагии донишҷӯён дар соҳаи истифодаи ТИК.

*Марҳала, макон ва давраҳои таҳқиқот.* Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили адабиёти вобаста ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқотӣ (солҳои 2017-2023) дар се марҳала иҷро гаридааст.

*Марҳалаи аввал (солҳои 2017-2018)* ба масъалаи таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ ва илмию методӣ доир ба масъалаи омодагии омӯзгорониояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК ҷиҳати омодагии касбӣ равона карда шудааст. Дар марҳилаи тасдиқи озмоиш таҷрибаи кории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи омодагии омӯзгорониояндаи фанни таърих дар соҳаи ТИК таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд. Заминаҳои назариявии ҳаллу фасли масъала муайян карда шуда, фарзияи корӣ ифода гардида, методҳои таҳқиқот муайян карда шуданд.

*Марҳалаи дуюм (солҳои 2019-2020)* шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии омӯзгорониояндаи фанни таърих ҷиҳати

истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ ошкор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуда, дар ин асос санҷишҳои озмоишии педагогӣ гузаронида шуд.

*Марҳалаи сеюм (солҳои 2021-2023)* таҳқиқот баҳри ба низом даровардан, хулосагирию ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада, ташаккули хулосаҳо, таҳияи матн дар шакли рисолаи номзадӣ бахшида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:**

– назарияи умумии низом ва низомҳои педагогӣ ва технологияҳо (В.П. Беспалко [4], М.В. Кларин [19], И.Я Лернер [27], Г.К. Селевко [34] ва дигарон);

– консепсияҳои муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ (С.И. Архангелский [2], Б.С. Гершунский [9], Н.Д. Никандров [31], ва дигарон);

– консепсияи муносибати босалоҳият, ки имкон медиҳад, салоҳиятнокии иттилоотиро ҳамчун яке аз сохторҳои калидӣ дар сохтори омодагии мутахассисон ҷудо кунем (В.И. Байденко [3], Ф.Э. Зеер [16], И.А. Зимняя [17], А.Р. Мирзоев [30], Г.К. Селевко [35], А.В. Хуторской [39] ва дигарон);

– таҳқиқи масъалаи истифодаи ТИК дар раванди таълим (Т.Б. Григорьева [10], О.А. Козлов [20], Ф.С. Комилиён [22], И.Л. Қосимов [24], Н.Д. Никандров [31], ва дигарон);

– муносибатҳои консептуалӣ нисбат ба методикаи таълими фанни таърих – ҳамчун соҳаи фанние, ки ба принсипҳи дидактикӣ ва методологияи улуми таърихӣ такя мекунад Е.В. Вагина [7], З.И. Гузненко [11], Ж.Б. Исамидинов [18], В.В. Шоган [41] ва дигарон;

– таҳқиқоти назариявӣ ва ба амалия нигаронидашудаи корҳои таҷрибавӣ ва ҷустуҷуйӣ дар соҳаи маърифатӣ (Ф.Ф. Шарифзода [40]);

**Сарчашмаи маълумот:** Барои таҳқиқоти мо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, барномавию консептуалии давлатию қонунгузорӣ доир ба масъалаҳои маориф ва масъалаҳои иттилоотонидани ҷомеаи Тоҷикистон хеле муҳим мебошанд:

– бахши дуюми сарчашмаҳоро стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ дар соҳаи маърифатии «Таърих»; барномаҳои мактабӣ ва таҳсилоти олӣ мутобиқ ба фанҳои дахлдори самти иттилоотию

технологидошта: дастурҳои таълимӣ ва нақшаҳои таълимӣ ташкил медиҳанд;

– ҳангоми таҳияи диссертатсия доираи васеи адабиёти педагогӣ, психологӣ, таърихию педагогӣ ва таълимию методӣ мавриди таҳқиқу омӯзиши мо қарор гирифт. Ба ҷузъ аз корҳои бунёдӣ, ки мустақиман ба мавзӯи таҳқиқоти мо алоқаманд мебошанд, инчунин, маводе, ки дар матбуоти даврӣ – рӯзнома ва маҷаллаҳо («ИКТ в образовании», «Информатика в образование», «Компьютер в школе», «Педагогика», «Педагогическая информатика», «Преподавании истории в школе» ва ғайраҳо) ба нашр расидаанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд;

– инчунин, захираҳои шабакаи Интернет, ки ба мавзуи иттилоотонидани низоми маориф бахшида шудаанд (портали «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳсилот», «Таърих. Кӯмаку ёрмандӣ ба омӯзгор» ва ғайра) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои мавзӯи таҳқиқот методҳои назариявӣ ва эмперикии таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтанд:

– методҳои назариявӣ: муқоисавӣ – таърихӣ, таҳлили адабиёти педагогӣ ва илмию методӣ, ҳуҷҷатҳо доир ба масоили таҳсилот, санадҳои фаъоли меъёрию ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои иттилоотонидан, синтез, муқоиса, хулосагирӣ ва методи амсиласозӣ;

– методҳои эмпирикӣ, дар маҷмуъ, мавриди истифода қарор гирифтанд, ки шомили мавридҳои зерин мебошанд: муқоисаи педагогӣ, пурсиш, анкетапаҳнкунӣ, таҳлили корҳои донишҷӯён, озмоиши педагогӣ, методҳои омори математикӣ, ки ҳангоми коркарди маълумоти ба дастоварда мавриди истифода қарор мегиранд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**: факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар вилояти Хатлон мебошанд. Дар ин озмоишҳо беш аз 190 нафар донишҷӯён иштирок карданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1. Моҳият, сохтор ва мазмуни омодагии омӯзгорони оянда дар заминаи истифодаи ТИК тавсиф карда шуданд. Дар ин раванд ҷанбаҳои умумӣ, махсус ва амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба назар гирифта шуданд.

2. Самтҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгорони оянда, аз ҷумла истифодаи низомҳо ва захираҳои иттилоотӣ, муайян карда шуданд.

3. Ҷузъҳои асосии омодагии омӯзгори фанни таърих ба истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ муайян гардиданд. Ба онҳо ҳавасмандӣ, фаҳмиши назариявӣ ва фаъолияти маърифатӣ дохил мешаванд.

4. Нақши ТИК дар ҷустуҷӯ, бойгонӣ ва нигоҳдории иттилооти касбӣ, инчунин дар пешниҳоди маводи таълимӣ тавассути воситаҳои мултимедиявӣ нишон дода шуд. Аз ҷумла, истифодаи тасвир, садо, маводи аудиоӣ, унсурҳои ҳаракаткунанда, амсиласозӣ ва тарҳрезии объектҳои воқеӣ ва маҷозӣ баррасӣ гардид.

5. Ба кор гирифтани маҷмуи равишҳо ҷиҳати ҳаллу фасли муваффақонаи масоили таълимии марбут ба факултети таърих.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Дар асоси таҳқиқот ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯён-яъне қобилияти кор бо сарчашмаҳои таърихӣ, таҳлил ва интиқоли он, истифодаи воситаҳои ТИК, риояи меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқии иттилоотӣ-яке аз унсурҳои муҳимми салоҳиятнокии касбии омӯзгорони соҳаи таърих ҳамчун муҳаррики асосии худомӯзии таҳқиқот муайян карда шуд.

2.Мақсади омодагӣ ҳамчун хусусияти мураккаби касбии мутахассис баррасӣ шуда, унсурҳои зеринро мушаххас гардид:

– истифодаи таъминоти барномавӣ ва дастгоҳии умумӣ ва махсус барои мақсадҳои маърифатӣ ва ҳалли вазифаҳои тарроҳӣ;

– унсури ҳавасмандӣ, ки кӯшиши омӯзгорониояндаро барои азхуд кардани дониш, малака ва маҳорати истифодаи ТИК ифода менамояд;

– азхуд намудани методикаи омодасозии таълимгирандагон ба истифодаи ТИК дар дарсҳои фанни таърих;

– имконияти истифодаи воситаҳои барномавӣ, захираҳои электронии таълимӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ;

– донистани асосҳои назариявии таъминоти махсуси барномавӣ ва дастгоҳӣ барои ҳалли вазифаҳои тарроҳӣ, инчунин методикаи омодасозии таълимгирандагон ба истифодаи чунин воситаҳо дар дарсҳои фанни таърих;

– унсури фаъолиятӣ, ки мавҷудияти маҳорату малакаҳои истифодаи таъминоти махсуси дастгоҳӣ ва барномавӣ, инчунин захираҳои электронии таълимиро барои мақсадҳои маърифатӣ дар назар дорад;

– донистани методикаи таълими хонандагон оид ба истифодаи таъминоти махсуси дастгоҳӣ ва барномавӣ дар дарсҳои фанни таърих;

– унсури маърифатӣ, ки донистани асосҳои ТИК, имконияти истифодаи таъминоти барномавӣ ва дастгоҳӣ, инчунин татбиқи онҳоро барои мақсадҳои таълимӣ фаро мегирад.

3.Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ модели сохторию вазифавии истифодаи ТИК дар фаъолияти донишҷӯёни факултети таърих таҳия карда шуд. Модели мазкур аз маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла мақсаднок, пешгӯишаванда, технологӣ, методӣ, ташкилию вазифавӣ ва натиҷавӣ иборат мебошад.

4. Дар асоси таҳлили адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва методӣ амсилаи сохторию функсионалии ташаккули омодагии донишҷӯён ба истифодаи ТИК таҳия шуд. Амсила аз унсурҳои ҳадафӣ, методологӣ, мундариҷавӣ, ташкилӣ, равандӣ, технологӣ, меъёрию арзёбӣ, ислоҳӣ ва иҷроишӣ иборат буда, сатҳҳои паст, миёна ва баланди омодагии иттилоотии донишҷӯёни факултети таърихи донишгоҳи омӯзгориро дар бар мегирад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки эҳтиёҷоти низоми таҳсилот ба таъминоти таълимӣ-методии фаъолияти таълимӣ дар донишгоҳ аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок гардид; роҳу воситаҳои

самараноки татбиқи онҳо дар шароити фаъолияти таълимии донишгоҳҳои Тоҷикистон муайян шуданд; дарки методологӣ ва методии хусусиятҳо ва шартҳои истифодаи ТИК-ро вобаста ба фаъолияти касбии омӯзгорони фанни таърих аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардид; таҳқиқот имкон дод, ки дар сатҳи сифатан нав махсусияти захираҳои электронии таҳсилотӣ барои истифодаи ТИК-ро вобаста ба фаъолияти касбии омӯзгорони фанни таърих ошкор карда шавад.

Ба гардиши раванди маърифатию таълимии факултети таърихи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ курси махсуси аз тарафи муаллиф таҳиягардида бо номи «Истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгори фанни таърих», ки дорои маводи назариявию амалӣ, санҷишӣ ва маҷмуи супоришҳои таълимӣ барои донишҷӯён мебошад, ки он самтҳои асосии истифодаи ТИК-ро вобаста ба фаъолияти касбии омӯзгорони фанни таърих дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих такмил дода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар ҷараёни омодагии омӯзгорони фанни таърих, инчунин мутахассисони дигар соҳаҳои фанҳои гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо муқаррароти аввалияи методологӣ ва назариявӣ; асосноккунии илмии масъалаи таҳқиқот дар асоси таҳлили назария ва амалияи педагогӣ; омӯзиши таҳқиқотро дар соҳаҳои илми психология, педагогика, информатика (технологияи иттилоотӣ), дар таҳсилот; истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот; тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил; иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ таъмин карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ба мазмуни шиносномаи илмии ихтисоси 5.3.11.1.

Назария ва технологияи таълими таърихи халқи тоҷик мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди додаҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2017-2023) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи методикаи таълими информатика ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима карда шудааст. Дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир: дурнамо ва ҳали онҳо» (Душанбе, 2019), «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ», (Кӯлоб, 2020), «Саҳми профессор Шарипов Ф.Ф. дар рушди технологияи иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касби Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2021), «Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир: дурнамо ва ҳали онҳо» (Душанбе, 2019) ба нашр расонида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 17 интишорот, ки аз онҳо 5- ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида, 2 адад дастури маълимӣ ва 10 адади боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», 3 боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахши «Натиҷаҳои имлии таҳқиқот» «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Рӯйхати адабиёт» бо зербахши «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 200 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 24 расм ва 10 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар 3 боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 136 номгӯй мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддимаи рисола** мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот баён гардидаанд. Инчунин, дар инҷо марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии он, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии таҳқиқ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он дарҷ гардидаанд.

**Дар боби якуми** диссертатсия «Асосҳои илмӣ-назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ», ки аз ду зербоб иборат аст, ва дар **зербоби аввал** роҷеъ ба салоҳиятнокии донишҷӯёни ихтисоси таърих, яъне омӯзгорони ояндаи ин фан зимни истифода тавонистани технологияҳои муосир, ки ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим ва баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунии муҳассилин воситаи хуб арзёбӣ шудааст, сухан меравад. Маълум аст, ки мафҳуми салоҳиятнокӣ таи солҳои охир диққати олимон ва аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст ва он ҳамчун ҷамбастсозии қобилиятҳои шахс арзёбӣ мегардад, ки дар тавоноии ва қудратмандии умумӣ ва омодагии он ба фаъолият зоҳир мегардад, баромад мекунад.

Мусаллам аст, ки татбиқи воситаҳои иттилоотии муосир фазои маълумотрасониро тавсия бахшида, инсониятро бадарачаҳои баланди рушди тафаккур ва фаъолиятҳои амалӣ расонидааст. Омӯзгори ояндаи фанни таърих бояд аз ин имконот бархурда бошад, токи сифати таълиму тадрис ва сатҳи сифати дониши муҳассилин ҷавобгӯ ба талаботи имрӯза бошад.

Агар ба имконот ва зарфиятҳои замони муосир нигоҳ кунем хеле равшан мебинем, ки ҷаҳони феълӣ аз назари технологӣ хеле пешрафт карда имконоту зарфияти ӯ ба маротиб боло рафтааст ва дар ҷумҳуриамон низ тамоми шароит барои татбиқи ТИК фароҳам аст.

Истифодаи васоити интерактивӣ дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиш ва татбиқ намудани мавод ба омӯзгори фанни таърих имконият фароҳам меоварад, ки маводи таълимиро зуд тағйир диҳад, ба фаъол шудани фаъолияти маърифатии донишомӯзон мусоидат намуда, ба инкишофи тафаккур, идрок, хотира ёрӣ мерасонад, аммо истифодаи ТИК дар кор танҳо бо дарсҳои видеоӣ ва презентатсияҳо маҳдуд намешавад.

Ҳамин тавр, истифодаи равишҳои таълиму тадриси иттилоотӣ дар таълими таърих боиси боло рафтани фаъолияти зеҳнии толибилон гашта, боиси самаранок гардидани дарсҳо мегардад.

Инчунин гуфта ба маврид аст, ки ташаккули муносибати босалоҳият бо муайян ва ворид намудани навъҳои нави салоҳият, аз ҷумла салоҳиятҳои иттилоотӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, робитаи зич дорад. Муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки салоҳият ва салоҳиятнокӣ бояд на ҳамчун мафҳумҳои ҷудогона, балки ҳамчун низоми мукаммали қобилиятҳо, донишҳо, маҳоратҳо ва омодагии шахс ба фаъолияти самаранок дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва таҳсилот фаҳмида шаванд.

Дар оғози солҳои 2000-ум марҳилаи тозаи рушди назария ва амалияи муносибати босалоҳият дар соҳаи таҳсилот оғоз ёфт. Соли 2004 педагоги маъруфи рус Г.К. Селевко таъкид намуд, ки муносибати анъанавӣ, ки мақсадҳои таҳсилотро асосан бо маҷмӯи донишҳо маҳдуд менамуд, дигар ба талаботи нави ҷомеа ҷавобгӯ нест. Ба андешаи ӯ, муносибати босалоҳият

чунин маъно дорад: «таҷдиди тамоюли тадриҷии парадигмаи афзалиятноки таҳсилот бо эълон намудани афзалияти дониш, ташаккули малакаҳо бобати сохтани шароит барои аз худ кардани маҷмӯи салоҳиятҳое, ки маънои иқтидор, қобилияти хатмкунанда дар заминаи зинда монда ва ҳаёту фаъолияти устувор дар шароитҳои фазои гуногуномили иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию бозоргонӣ, иттилоотӣ ва иртиботии мукаммалро дорад, мебошад» [35, с.139]. Ин андеша нишон медиҳад, ки муносибати босалоҳият ба ташаккули шахсе равона шудааст, ки на танҳо дониш дорад, балки метавонад онро дар шароитҳои тағйирёбандаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва касбӣ самаранок истифода барад.

Соли 2008 муҳаққиқони Мактаби олии иқтисодии шаҳри Москва *Е.С. Кравцова*, А.Ю. Курин ва М.А. Лисюткин самтҳои асосии рушди маорифи Россияро то соли 2020 мавриди моделсозӣ қарор дода, як қатор масъалаҳои ҳалталабро дар низоми таҳсилот муайян намуданд.

Ба андешаи ин муҳаққиқон, «рушди таҳсилоти муосир бояд ба он равона гардад, ки омӯзгорон на танҳо иҷрокунандаи барномаҳои таълимӣ, балки субъекти фаъоли раванди таълим, таҳлилгар, роҳнамо ва ташаббускори тағйироти педагогӣ бошанд. Барои ин зарур аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ шароит ва имкониятҳои нави методӣ, иттилоотӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шаванд. Чунин шароит метавонад омӯзгоронро ба ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки таълим, баланд бардоштани сифати машғулиятҳо ва ноил гардидан ба натиҷаҳои назарраси таълимӣ ҳавасманд намояд» [23, с. 72].

Ин масъала барои низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳамияти махсус дорад. Омӯзгорон дар ҷомеаи муосир неруи бузурги зеҳнӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ ба ҳисоб мераванд. Дар шароити имрӯза, ки дар низоми маориф шумораи зиёди кормандон, хонандагон ва донишҷӯён фаъолият доранд, нақши омӯзгорон дар рушди маърифат, тарбияи насли наврас ва таҳкими худшиносии миллӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Дар ин

раванд омӯзгорони фанни таърих ҷойгоҳи махсус доранд, зеро омӯзиши таърих танҳо бо азхудкунии маълумоту воқеаҳо маҳдуд намешавад, балки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандии таълимгирандагон низ мусоидат мекунад.

Агар ба ин масъала амиқтар назар андозем, маълум мегардад, ки дар ҷаҳони муосир таърих ва омӯзиши он баъд аз воситаҳои иттилоотӣ яке аз омилҳои муҳими ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва худшиносии миллӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаи баланд бардоштани сифати таълими таърих, истифодаи муносибатҳои муосири педагогӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорониояндаи таърих мубрамияти махсус пайдо мекунад.

Пеш аз он ки мо нисбат ба мафҳуми *«салоҳияти касбӣ»*, ба ҳайси мафҳуи асосӣ ва муҳим муносибати хешро мушаххас намоем, моро лозим аст, ки нисбат ба таърифи ин мафҳум муносибати хешро мушаххас кунем.

Дар китобу мақолаҳои илмию оммавӣ мафҳумҳои *«салоҳият»* ва *«салоҳиятнокӣ»* хеле муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудаанд ва имкон дорад боз маъниҳои дигаре низ арзи ҳастӣ кунанд, ки ин равиш ба назари инҷониб як равиши табиӣ аст.

**Дар зербоби дуюми** боби якум «Вазъи муосир ва хусусиятҳои истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба масъалаҳои таҳлили ҳолати муосири истифодаи технологияҳои муосир дар МТОК –и ҷумҳурӣ баён гардидааст.

Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, шакл ва мазмуни фаъолияти таълимии донишомӯзон низ дигаргун гардидааст. Агар дар гузашта равандҳои омӯзиш бештар аз дарк, азёдкунӣ ва такрори маводи таълимӣ иборат мебуданд, имрӯз бо пайдо шудани воситаҳои интерактивии таълимӣ, намудҳои нави фаъолият ба монанди бақайдгирӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркарди иттилоот, намоиши равандҳо ва амсилаи объектҳои таърихӣ ба вуҷуд омадаанд.

Аёният дар таълими фанни таърих аҳамияти махсус дорад, агар дар

солҳои қаблӣ маводи дидактикӣ танҳо ба воситаи суратҳо, филмҳо ва слайдҳо пешниҳод мегардид, пас имрӯз ин василаҳо наметавонанд талаботи рушди технологиро пурра қонеъ гардонанд. Норасоии таҷҳизоти техникӣ ва баъзан номувофиқ будани синфхонаҳо ба намоиши маводи визуалӣ монеа эҷод менамояд. Бо вуҷуди ин, технологияи муосир ба воситаи барномаҳои мултимедиявӣ, презентатсияҳо ва видеоҳо ин камбудиҳоро ҷуброн намуда, имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки бартариҳои асосии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими фанни таърих чунинанд:

– маводи таълимӣ дар шакли ҳамгиро (интегралӣ) пешниҳод мегардад. Китоби дарсии мултимедиявӣ қодир аст далелҳо, рӯйдодҳо, ҳуҷҷатҳо ва тавзеҳоти таърихиро дар як контексти муттасил пешниҳоди таҳлилӣ намояд;

– дарсҳо бо истифода аз шабакаи иттилоотии мутақобила сохта мешаванд, ки боиси бой гардидани муҳтавои таълим ва афзоиши зарфияти маъноии маълумот мегардад;

– идроки дониш тавассути каналҳои гуногуни ҳиссӣ (биниши, шунавоӣ ва ғайра) ба амал омада, дар хотирмонӣ ва дарки амиқ мусоидат мекунад;

– мазмуни таърихӣ ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва фаҳми куллии донишомӯзон кӯмак мерасонад.

Дар зер чун намуна маълумот оиди истифодаи имконияти ТИ пешниҳод шудааст:

| № | Мавзуъ | Истифодаи навъҳои ТИК | Усулҳои инноватсионии таълим |
|---|---|---|---|
| 1. | «Ҳаракати зиддишуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Бухорои Шарқӣ». - Синфи 10 | Тахтаи электронӣ, графопроектор, компютер, телевизор. | Презентатсия, мини-лексия, муҳокимаи гурӯҳи, саволу ҷавоб, ҷамъбаст, хулосабарорӣ |
| 2. | «Фарҳанги Тоҷикистон дар давраи мухторият». - Синфи 10. | Компютер, телевизор, тахтаи электронӣ | Презентатсия, слайд -шоу, телевизор, муҳокимаи умумӣ, кор дар гурӯҳҳо. |
| 3. | «Нақши панҷсолаҳо дар пешрафти ҳаёти иқтисодӣ». – Синфи 11. | Видеоплейер, Интернет, тахтаи электронӣ | Тахтаи электрони мини-лексия, муҳокима гурӯҳӣ, муҳокимаи умумӣ, муҳокимаи инфиродӣ, диаграммасозӣ |
| 4. | «Ҷашни Наврӯз - омили муҳими ваҳдату ягонагӣ». - Синфи 11 | Тахтаи электронӣ, ручкаи электронӣ, телевизор. | Презентатсия, слайд-шоу, телевизор, муҳокимаи умумӣ, кор дар гурӯҳҳо. |

Дар таълими фанҳои таърих гузаронидани чунин мавзуъҳо бо истифода аз ТИК самараноктар буда, ба мақсади омӯзиш бештар мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имконоти ҷадиде дар масири таълиму тарбия ва имлмомӯзӣ маҳсуб меёбад. Бо такя ба ин мо малакаю донишҳои худро дар тамоми фанҳо ва бавежа фанни таърих бештар намуда, онро аз ҳар назар тақвият бахшем.

Бо ёрии ТИК на танхо дарсхо гузарондан, балки тачрибаи кориро пахн кардан мумкин аст. Дар Интернет шумораи зиёди сомонаҳо мавҷуданд, ки дар онҳо натиҷаҳои кор бо ТИК-и муаллимони таърих ва ҷомеашиносӣ ҷойгир карда мешаванд. Илова бар ин, муколама бо ҳамкасбону ҳамфикрон, ошноӣ ва паҳн кардани ғояҳои инноватсионии методӣ ва дидактикиро метавон тавассути шабакавӣ - сомонаи омӯзгорони эҷодкор анҷом дод.

Барои омӯзгор таҳияи дарсҳои муаррифавӣ яке аз роҳҳои ифодаи фаъолияти эҷодӣ ба ҳисоб меравад ва тадриҷан ба қисми муҳими раванди таълим табдил меёбад. Дар баъзе дарсҳо зарурати нишон додани диаграммаҳо, нақшаҳо ва аломатҳои такягоҳӣ зиёд аст, ки кашидани онҳо дар тахта вақт ва ҷойи зиёд талаб мекунад. Бо истифода аз компютер ва экран ин мушкил ба осонӣ ҳал мешавад.

Муаррифиномаҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки дарсро ҷолибтар ташкил карда, ҳамзамон маводи методии худро пурратар ва самараноктар омода созад.

Кор бо муаррифиномаҳо аз омӯзгор талаб мекунад, ки маводи дарсиро бодиққат интихоб намояд ва онро кӯтоҳ, равшан ва мушаххас баён кунад. Дар ин раванд иттилооти ҷамъоваришуда ба тартиб дароварда шуда, дар шакли хулосаҳои кӯтоҳ, нақша, ҷадвал, диаграмма ва маводи аёнӣ пешниҳод мегардад.

Ин тарзи кор ташкили дарсро барои омӯзгор осонтар карда, ба донишҷӯён барои беҳтар фаҳмидани мазмуни мавзуъ ёрӣ мерасонад.

Б.Ф. Файзализода низ нақши машғулиятҳои амалӣ ва лабораториро дар ташаккули малакаҳои иттилоотии донишҷӯён муҳим арзёбӣ намуда, қайд

мекунад: «Машғулиятҳои лабораторӣ аз технологияи иттилоотӣ воситаи ташаккули малакаҳои амалии донишҷӯён мебошанд. Барои омӯзгорони ояндаи таърих чунин машғулиятҳо дар таҳияи презентатсия, тест, ҷадвал ва маводи электронӣ нақши муҳим доранд» [38]. Ин андеша собит месозад, ки омӯзгорони ояндаи таърих бояд на танҳо мазмуни фанни худро аз худ намоянд, балки бо воситаҳои технологӣ низ кор карда тавонанд.

Омӯзгор дар дарси худ метавонад ва бояд усулҳои гуногуни методиро бо ҳам омезиш диҳад. Истифодаи навбатии шарҳи шифоҳӣ, суҳбат, саволу ҷавоб, кор бо китоб, таҳлили ҳуҷҷатҳои таърихӣ, презентатсия, харитаи электронӣ, видеомавод ва викторина дарсро ҷолиб, серҳаракат ва таъсирбахш мегардонад.

Ҳамин тавр, истифодаи технологияҳои компютерӣ барои омӯзгор як қатор бартариҳо дорад:

– сарфаи вақти дарс;

– пешниҳоди равшану аёнии иттилоот;

– истифодаи якҷояи воситаҳои гуногуни техникии таълим;

– фарогирии ҳаҷми зиёди маълумот;

– имкони амсиласозии равандҳои гуногун, хусусан равандҳое, ки дар шароити одии таълим такрор кардани онҳо душвор мебошад.

– коркарди иттилоот дар шаклҳои гуногун – матнӣ, ҷадвалӣ, графикӣ, аудиоӣ ва видеоӣ;

– дастрасӣ ба коркардҳои методии дарсҳо ва таҷрибаи ҳамкорон;

– мутобиқ намудани маводи омода ба мантиқ, мақсад ва сохтори дарси худ.

**Дар боби дуюм**, ки «Нақши истифодаи ТИК дар дарсҳои таърих**»**, номгузор шудааст, аз ду зербоб иборат мебошад ва дар **зербоби якум** «Технологияҳои муосир дар таълими таърих» оиди нақши технологияҳои таълимӣ, ки дар раванди таълими фанни таърих самаранок истифода мешаванд, маълумот пешниҳод мегардад. Дарҳақиқат, дар шароити муосири таълим, омӯзиши фанни таърих бояд бо усулҳои инноватсионӣ сурат гирад,

ки дар баробари методҳои анъанавӣ, истифодаи васеи ТИК-ро низ дарбар мегирад. Имрӯз таълими таърих аз доираи танҳо мутолиаи китобҳои дарсӣ берун рафта, бо ҷалби воситаҳои муосири рақамӣ – монанди барномаҳои компютерӣ, тахтаҳои интерактивӣ, муаррифиву филмҳои таълимӣ ва захираҳои рақамии онлайнӣ – ғанӣ мегардад.

Рушди босуръати Интернет ва воситаҳои иттилоотӣ имконият медиҳанд, ки хонандагон бо сарчашмаҳои аслии таърихӣ шинос шаванд, асноди бойгониро мутолиа намоянд ва ҳатто тавассути барномаҳои таълимии виртуалӣ ба гузаштаи дур «сафар» кунанд. Мисол, истифодаи намоишгоҳҳои 3D ва ҳуҷҷатҳои интерактивӣ дарсҳои таърихро ҷолиб ва фарогир мегардонад.




**Расми 1. - ТИК дар раванди дарси таърих**

Истифодаи ТИК зимни таълими фанни таърих метавонанд:

*а)хонандагонро ба ҷараёни таълим ҷалб намоянд;*

*б) ҳавасмандии маърифатиро нисбат ба таърих зиёд кунанд;*

*в) ба кори таълимӣ хусусияти таҳлилӣ, эҷодӣ ва таҳқиқотӣ бахшанд;*

*г) дар навсозии муҳтавои таълими таърих саҳм гузоранд;*

*д) раванди таълимро фардӣ гардонанд ва фаъолияти мустақили донишҷӯёнро инкишоф диҳанд;*

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ на танҳо кори омӯзгорро сабуктар мекунад, балки ба ӯ имконият медиҳад, ки ба ҳар як донишҷӯ муносибати инфиродӣ дошта бошад. Омӯзгор метавонад бо донишҷӯёни

фаъол супоришҳои мураккабтар ва таҳқиқотӣ иҷро намояд, онҳоро ба фаъолияти эҷодӣ ва мустақилона ҳавасманд созад. Ҳамзамон, барои донишҷӯёне, ки дар азхудкунии мавод мушкилӣ доранд, тавассути маводи аёнӣ, супоришҳои интерактивӣ, тестҳои электронӣ ва машқҳои такрорӣ муҳити мусоиди таълимӣ фароҳам оварда мешавад.

Муайян намудани робитаҳои байнифаннӣ миёни фанҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиатшиносию дақиқ, аз ҷумла информатика, математика, физика ва химия, дар раванди таълим аҳамияти муҳим дорад. Чунин робитаҳо на танҳо имконияти васеъ намудани доираи донишҳои таълимгирандагонро фароҳам меоранд, балки ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ, мантиқӣ ва эҷодии онҳо низ мусоидат менамоянд. Дар шароити муосир фанни таърих низ наметавонад аз ин раванд дар канор монад, зеро омӯзиши таърих бо таҳлили маълумот, муқоисаи далелҳо, кор бо харитаҳо, ҷадвалҳо, манбаъҳои рақамӣ ва натиҷагирии илмӣ робитаи зич дорад.

Дар ин раванд ташкили фаъолияти лоиҳавии донишҷӯён оид ба таҳияи барномаҳо, презентатсияҳо, харитаҳои электронӣ, маводи таълимии рақамӣ ва дигар маҳсулоти иттилоотӣ бо ҳамкории омӯзгорони фанҳои гуногун метавонад самаранокии таълимро боз ҳам баланд бардорад. Чунин усулҳо на танҳо донишҳои фаннии таълимгирандагонро тақвият мебахшанд, балки малакаҳои кор бо технология, тафаккури эҷодӣ, қобилияти таҳқиқотӣ ва маҳорати фаъолият дар муҳити гурӯҳиро низ инкишоф медиҳанд.

Муҳимтар аз ҳама, дар шароити муосир муносибати донишҷӯён ба компютер ҳамчун воситаи универсалии таҳсил, таҳқиқ ва фаъолияти касбӣ тағйир ёфтааст. Агар қаблан компютер бештар ҳамчун воситаи фароғат ё таҷҳизоти ёрирасон қабул мегардид, имрӯз он ҳамчун абзори муҳимми омӯзиш, ҷустуҷӯйи иттилоот, таҳлили маълумот, таҳияи маводи таълимӣ ва рушди касбӣ шинохта мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми омодасозии омӯзгорониояндаи таърих компютер ва технологияҳои иттилоотӣ бояд қисми ҷудонашавандаи фаъолияти таълимӣ ва касбии онҳо бошанд.

Бо вуҷуди имкониятҳои васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, омӯзгороне, ки онҳоро дар раванди дарс истифода мебаранд, бояд дар назар дошта бошанд, ки асоси ҳар гуна фаъолияти таълимиро мақсадҳои педагогӣ, методикаи таълим ва муносибати дидактикӣ ташкил медиҳанд. Захираҳои иттилоотии таълимӣ наметавонанд нақши омӯзгорро пурра иваз намоянд; онҳо бояд ҳамчун воситаи ёрирасон барои такмили сифати таълим, баланд бардоштани самаранокии дарс ва фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён истифода шаванд.

Ҷорӣ намудани низомҳои худкори таълимӣ низ ҳамчун воситаи муҳими педагогӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён маводи таълимиро мувофиқи суръат, қобилият ва имкониятҳои инфиродии худ омӯзанд. Чунин низомҳо барои ташкили омӯзиши мустақилона, назорати доимии дониш, муайян намудани камбудиҳо ва таҳкими маводи азхудшуда шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар таълими таърих ин гуна воситаҳо метавонанд ҳангоми омӯзиши санаҳо, шахсиятҳо, равандҳои таърихӣ, харитаҳо, ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои гуногуни таърихӣ самаранок истифода шаванд.

Ҳамин тавр, истифодаи ТИК метавонад ҷараёни таълими таърихро пурмазмунтар, ҷолибтар ва самараноктар мегардонад. Ҳамин тариқ, робитаҳои байнифаннӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими таърих барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ, рушди тафаккури таҳлилӣ, баланд бардоштани фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ва такмили омодагии касбии омӯзгорони оянда заминаи муҳим фароҳам меоранд. Ин раванд бояд мақсаднок, методӣ асоснок ва бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии таълимгирандагон ташкил карда шавад.

**Дар зербоби дуюми** ин боб «Имконоти истифодаи ТИК дар раванди таълими таърих» масоили имконоти татбиқи технологияҳои муосир зимни таълими фанни таърих таҳлил мегардад.

Муайян гардидааст, ки ТИК -и таълимӣ дар муқоиса бо воситаҳои анъанавии таълим як қатор афзалиятҳо доранд. Аз ҷумла, онҳо бо истифодаи

қулай, имкони амсиласозӣ ва пешгӯии вазъиятҳо, таъсири ҳамзамон ба узвҳои эҳсосӣ, тақвияти таъсири аудио-визуалӣ ва афзоиши имкониятҳои иттилоотӣ, таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯӣ фарқ мекунанд. Ин хусусиятҳо на танҳо самаранокии таълимро баланд мебардоранд, балки ҷалби бештари донишҷӯёнро ба раванди омӯзиш таъмин менамоянд. Омӯзиши масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки вазифаҳои ТИК дар раванди таълим чунин тавсиф ёбанд:

***1.** Вазифаҳои маърифатӣ; 2.Вазифаҳои инкишофдиҳанда; 3.Вазифаҳои амсиласозӣ; 4.Вазифаҳои таҳқиқотӣ; 5. Вазифаҳои ташаккули салоҳияти ТИК; 6.Ташаккули малакаҳои ҷустуҷӯ, коркард ва нигаҳдории иттилоот; 7.Баланд бардоштани ҳамоҳангии равандҳои таълимӣ бо истифодаи ТИК; 8.Вазифаҳои алоқаи баргаштӣ; 9. Вазифаҳои худсозмондиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ.*




**Расми 2. - Амсилаи ҳиссаҳои истифодаи ТИК дар таълими фанни таърих**

Дар ин амсила доир ба блоки иттилоотӣ қисми асосии маводи таълимибударо дар бар мегирад. Он метавонад матнҳо, маводи медиавӣ ва унсурҳои аёниро дар бар гирад. Ҳангоми таҳияи ин блок муҳим аст, ки мавод бо пайдарпайии мантиқӣ пешниҳод шавад ва барои фаҳмотар гардидани он аз имкониятҳои технологияҳои муосир, аз ҷумла визуализатсия, истинодҳои гиперматнӣ ва видео истифода гардад. Ин абзорҳо ба омӯзгорон имкон

медиҳанд, ки маҳорати худро пурра истифода баранд ва ба таълимгирандагон кӯмак мекунанд, ки маводи таълимиро устуворона аз худ карда, донишҳои худро дар ҳолатҳои воқеии ҳаёт татбиқ намоянд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо, дар мӯҳтавои таълим маводҳои муҳими мувофиқ ба амалияи замонавӣ, ки хусусияти илмӣ ва амалӣ доранд. Маърӯзаҳо бояд ҳаҷман мӯътадил бошанд ва маълумоти асосӣ, масъалаҳои душвор, тестҳо ва супоришҳои худсанҷиро фаро гиранд. Беҳтар аст маводи курс дар як файли алоҳида ҷойгир шавад, ҳаҷми зиёд надошта бошад ва ба имкониятҳои техникии компютер мувофиқат кунад. Қисми асосӣ мазмуни зарурии мавзуъро медиҳад, қисми иловагӣ бошад, барои омӯзиши амиқ, корҳои тарроҳӣ ва таҳқиқотӣ истифода мешавад.

Дар блоки иттилоотӣ тарзи пешниҳоди аёнии мавод аҳамияти калон дорад. Ҷойгиркунии дурусти матн, тасвир ва дигар унсурҳо дар саҳифаи компютер фаҳмиши мавзуъро осонтар мекунад. Объектҳои ба ҳам наздик ҳамчун як воҳиди ягона қабул мешаванд; ҷузъиёти зиёдатӣ бошад, диққатро парешон месозад. Аз ин рӯ, маълумоти муҳимро бо ранг, хаткашӣ ё тағйири андозаи ҳуруф ҷудо нишон додан мумкин аст.

Барои таъсирбахш гардидани омӯзиш истифодаи такягоҳҳои мантиқӣ мувофиқ мебошад. Онҳо диққати таълимгирандаро ба нуктаҳои асосӣ равона карда, шавқи ӯро ба мавзуъ бештар мекунанд.

**Боби сеюми рисола** «Таъмини самаранокӣ ва татбиқи ТИК дар ихтисоси таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се зербоб иборат буда, дар **зербоби аввал** оиди нақши истиқлолияти давлатии ҶТ дар баробари имконоти таъсис додани ихтисосҳои нав дар МТОК, истифодаи самаранок аз усулҳо ва роҳҳои муосир ва баланд бардоштани сатҳи сифати дониши муҳассилин шароити муфид мусоидат намуд, сухан меравад.

Ҳар як омӯзгори фанни таърих бояд дарк кард, ки имрӯз Тоҷикистон ҳамчун як давлати мустақил дар роҳи пешрафт қадам мегузорад, ва истиқлолият ҳамчун манбаи илҳом ва нерӯи пешбаранда барои ҳар як

шаҳрванди он хизмат мекунад. Ин рӯйдод на танҳо як саҳифаи таърих, балки оинаи ормонҳо ва умедҳои миллати тоҷик аст, ки дар он гузашта, имрӯз ва ояндаи онҳо бо ҳам тавъам шудааст.

Зимни таълими фанни таърих бояд, дар баробари дигар фанҳо, бояд ба шогирдон таъкид кард, ки таҳти роҳбарии Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон ба давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ табдил ёфт. Ин тағйирот мактаби нави давлатдории миллиро ба вуҷуд овард, ки дар он манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи ягонагии кишвар дар мадди аввал қарор доштанд. Ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз қабили истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии кишвар, рушди илму маориф низ ба таҳкими ҳувият мусоидат карданд.

Таъсири истиқлолият ба ҳувияти миллӣ дар чандин ҷанбаи муҳим ва гуногунҷабҳа зоҳир мегардад. Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳо ин аст, ки истиқлолият ба мардуми тоҷик эҳсоси соҳибихтиёрӣ ва масъулияти баланд барои ояндаи худро бахшид. Ин эҳсос дар барқарорсозии рамзҳои миллӣ, аз қабили парчами серангаи сурху сафеду сабз бо тасвири тоҷи заррин, нишони давлатӣ бо унсурҳои таърихӣ ва суруди миллии пурмазмун, ки ҳар кадом аз онҳо ҷузъи ҷудонопазири худшиносии миллат гардиданд, ба хубӣ инъикос ёфт. Ҳар яке аз ин рамзҳо на танҳо як нишонаи давлатдорӣ, балки ифодагари ормонҳо, таърих ва муборизаи мардуми тоҷик барои озодӣ ва истиқлол мебошанд.

**Дар зербоби дуюми** ин боб «Татбиқи амсилаи иттилоотӣ ба омӯзгорони ояндаи таърих дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлили марҳилаҳои асосии тадқиқоти озмоишӣ баён гардида, раванд ва натиҷаҳои бадастомада мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Тадқиқоти таҷрибавӣ ба омӯзиши ташаккули муносибати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ нисбат ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими фанни таърих бахшида шуда, дар муҳити таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба роҳ монда шуд.

Мақсадҳои асосии тадқиқоти озмоишӣ иборат буданд аз:

–мушаххас намудани омилҳои муҳими мусоидкунанда ба истифодаи самараноки ТИК дар ҷараёни таълими фанни таърих, ки асоси онҳоро иттилооти расмӣ ташкил медиҳад;

–таъйини равиш ва абзори мувофиқ барои истифодаи ТИК бо мақсади баланд бардоштани сатҳи таълим дар шароити иттилоотишудаи муҳити таълимии факултети таърих.

Объекти таҳқиқотро гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишии донишҷӯёни курси 1 то 4-уми ихтисоси таърих ва ҳуқуқ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ташкил доданд. Дар маҷмӯъ, 200 нафар донишҷӯ дар доираи барномаи махсуси озмоишӣ ҷалб гардиданд.

Тадқиқоти амалӣ нишон дод, ки риояи принсипҳои умумӣ ва дидактикии муносибати иттилоотӣ дар таълим, ҳамчунин татбиқи талаботи мушаххас оид ба истифодаи ТИК дар ҷараёни таълими фанни таърих, ба таври чашмгир ба беҳбуди сифати тайёрии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунад.

Бо мақсади ташхис ва санҷиши таъсири ин шароитҳои педагогӣ, мо барномаи таҳқиқоти озмоиширо таҳия намудем, ки ҳадафи он муайян ва тасдиқ кардани таъсирбахшии ин омилҳо дар муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Барномаи таҳқиқот аз марҳилаҳои зерин иборат буд:

– гузаронидани марҳилаи омодагӣ;

– ташхиси сатҳи ибтидоии ташаккулёфтагии ТИК-и омӯзгорони оянда (марҳилаи ташхисӣ);

– ташхиси сатҳи ташаккулёфтагии ТИК донишҷӯён дар поёни татбиқи модели пешниҳодшуда (марҳилаи ниҳоӣ).

**Ҷадвали 1. - Меъёр ва сатҳҳои ташаккулёбии ТИК дар омӯзгорони ояндаи фанни таърих**

| № | Меъёри арзёбӣ | Унсурҳои асосии арзёбӣ (нишондодҳо) | Сатҳи ташаккул ёфтагӣ | Хусусиятҳои ҳар сатҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дониши назариявӣ оид ба ТИК дар таълими фанни таърих | Доир ба истифодаи харитаҳои рақамӣ, таймлайнҳо, моделсозии воқеаҳо, пойгоҳи иттилоотии таърихӣ (мисли Perseus, Europeana, Google Arts & Culture) | Баланд | Дарки амиқ ва мақсадноки имкониятҳои ТИК дар таълими таърих, қобилияти шарҳи равандҳои таърихӣ бо воситаҳои рақамӣ |
| | | | Миёна | Фаҳми умумии баъзе абзорҳо ва манобеъ, истифода бо роҳнамоӣ |
| | | | Паст | Надоштани маълумоти кофӣ, шиносоии сатҳӣ бо технологияҳо |
| 2 | Маҳорати амалӣ дар истифодаи ТИК | Кор бо PowerPoint, Prezi, харитаҳои интерактивӣ (Google Maps, Historypin), тайёр кардани инфографика, истифодаи видеодонӣ (YouTube, Edpuzzle) дар таълим | Баланд | Истифодаи васеъ ва эҷодкорона дар таҳияи маводи таълимии таърихӣ, мутобиқ ба синну сол ва мавзуъ |
| | | | Миёна | Истифодаи маҳдуд ё қолабӣ, мушкилиҳо дар мутобиқсозии мавзуъ бо восита |
| | | | Паст | Фақат донистани номҳо ва истифодаи ибтидоӣ, набудани малакаи воқеӣ |
| 3 | Истифодаи ТИК барои таҳлили манбаъҳои таърихӣ | Кор бо ҳуҷҷатҳо, суратҳо, видеоҳо, таҳлил ва муқоисаи манбаъҳо бо истифодаи абзорҳои рақамӣ (замимаҳо, нармафзорҳо) | Баланд | Қобилияти таҳлил ва коркарди манбаъҳо бо истифодаи ТИК, роҳандозии корҳои таҳқиқотӣ |
| | | | Миёна | Истифода бо дастур ва кӯмак, тахлили оддӣ ва бидуни амиқсозӣ |
| | | | Паст | Истифода накардани манбаъҳои рақамӣ, беқурб донистани ТИК дар таҳлил |
| 4 | Малакаи тархрезии дарс бо истифодаи ТИК | Омодасозии нақшаҳои дарсӣ, лоиҳаҳои таълимӣ бо истифодаи маводи рақамӣ, | Баланд | Тархрезии пурраи чараёни таълим бо ТИК, ҳамгироии он ба арзишҳои таълимӣ, фаъолсозии фикрронии интиқодӣ |

| Давоми ҷадвали 1 | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | тестҳо, платформаҳои интерактивӣ (Kahoot, Quizlet, Google Classroom) | Миёна | Тарҳрезии қисман ё номукаммал, бо истифодаи унсурҳои алоҳидаи ТИК |
| | | | Паст | Тарҳи анъанавӣ бе истифодаи воситаҳои рақамӣ |
| **5** | Ҳавасмандӣ ва ангезаи шахсӣ | Майл ва шавқ ба омӯзиши технологияҳои нав, ташаббус дар истифодаи ТИК, фаъолияти худомӯзӣ | Баланд | Талоши пайваста барои такмили донишҳо ва ҷустуҷӯи абзорҳои нав |
| | | | Миёна | Ҳавасмандӣ миёна, вобаста ба талабот ё вазифа |
| | | | Паст | Бетафовутӣ, истифодаи ТИК танҳо бо маҷбуркунӣ ё эҳтиётӣ |

Бо мақсади муайян намудани сатҳи ташаккулёбии малакаҳои амалӣ ва корбурди ТИК дар омӯзгорони ояндаи фанни таърих, як қатор усулҳои санҷишу назоратӣ ба кор бурда шуданд. Аз ҷумла:

– гуфтугӯи инфиродӣ бо донишҷӯён;

– мушоҳидаи иштироки фаъол дар ҷараёни дарсӣ;

– таҳлили асноду мадорики электронӣ;

– назорати мустақими фаъолияти донишҷӯён дар синфхона ҳангоми кор бо компютер;

– санҷиши малакаҳои амалӣ дар кор бо барномаҳои гуногуни компютерӣ.

*Натиҷаҳои бадастомада чунинанд:*

➢ 94% донишҷӯёни соли якум қобилияти истифодаи файлҳо ва амалҳои асосӣ бо онҳо (эҷод, захира, номгузорӣ ва интиқол) доранд;

➢ 93% қодир ба кор бо файлҳо дар васоити гуногуни хориҷии нигоҳдорӣ мебошанд (флеш-диск, диск, абрҳои рақамӣ);

➢ 85,4% донишҷӯён бо барномаҳои асосии маҷмӯи Microsoft Office кор карда метавонанд;

➢ 78% дорои малакаҳои бойгонисозӣ (архиватсия) ва фишурдани файлҳо мебошанд.

**Зербоби сеюми** ин боб «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмуъ» ба таҳлили натиҷаҳои ҳосилгардидаи зимни гузаронидани озмоиши педагогӣ бахшида шудааст. Барои арзёбӣ ва таҳлили сатҳи ташаккули салоҳиятҳои ТИК ва муайян намудани самаранокии таъсири он ба рушди касбии донишҷӯён, таҳқиқоти эмпирикӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он бо истифода аз воситаҳои муосири таҳлилӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтанд. Тадқиқот дар гурӯҳҳои озмоишӣ, ки бо рамзҳои шартии «ГО-1» ва «ГО-2» ишора шудаанд, сурат гирифт ва дар он донишҷӯёни ихтисоси таърих иштирок намуданд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ташаккули мақсадноки салоҳиятҳои ТИК дар ҷараёни тайёр кардани омӯзгорони оянда ба афзоиши ҳавасмандӣ, баланд шудани сатҳи худшиносии касбӣ ва тақвияти омодагии рақамии онҳо мусоидат мекунад.




**Расми 3. - Диаграммаи омилҳои тамоюли касбии шахсият**

Натиҷаҳои таҳлилҳои анҷомдодашуда шаҳодат медиҳанд, ки донишҷӯён дар самти ташаккули малакаҳои амалӣ ва кор бо технологияҳои муосири иттилоотӣ, махсусан дар бахшҳои марбут ба иҷрои амалиётҳои файлӣ, кор бо муҳити барномавии Microsoft Word, донистан ва истифодаи самараноки функсияҳои асосии барномаи Microsoft Excel, омодасозии презентатсияҳо бо истифода аз PowerPoint, инчунин дар истифодаи мақсаднок ва босамари

муҳити интернетӣ, ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд.

**Ҷадвали 2. - Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии натиҷаҳои аттестатсияи хатми хатмкунандагони соли 2021 (ГН-1) ва соли 2022 (ГО-2) самти таърих**

| Аттестатсияи хатм | Гурӯҳи назоратӣ-1 | | Гурӯҳи озмоишӣ-2 | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдоди донишҷӯён | % | Теъдоди донишҷӯён | % |
| **Аъло** | 16 | 59,3 | 33 | 66,0 |
| **Хуб** | 11 | 40,7 | 15 | 30,0 |
| **Қаноатбахш** | 0 | 0 | 2 | 4,0 |
| **Ҳамагӣ** | 27 | 100% | 50 | 100% |

Ин нишондиҳандаҳо собит мекунанд, ки афзоиши сатҳи муташаккилии ТИК тасодуфӣ набуда, балки натиҷаи фаъолияти мақсаднок аст. Маълумоти ҷамъовардашуда аз тағйироти ба амаломада дар сатҳи муташаккилии ТИК дар натиҷаи татбиқи барномаи таҷрибавӣ-озмоишӣ шаҳодат медиҳанд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот имкон дод, ки ба хулосае бирасем, ки фарзияи пешгузошташударо тасдиқ мекунад. Мушоиати педагогӣ, ки барои сохтани шароитҳои махсус дар ҷараёни таълим равона карда шудаанд ба ташаккули ТИК-и омӯзгорониояндаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунанд.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

### 1. Натиҷаҳои илмии таҳқиқот

Таҳқиқоти мазкур ба мавзуи хеле муҳими замони муосир – нақши ТИК дар таҳкими салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯёни ихтисоси таърих ва татбиқи ин технологияҳо дар равандҳои таълими таърих равона гардидааст. Ин мавзуъ дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоӣ, ки бо ҷаҳонишавӣ, рақамисозии тамоми бахшҳои ҷомеа ва тағйироти куллӣ дар талаботи бозори меҳнат тавсиф меёбад, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар асоси таҳқиқот муайян гардид, ки ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯён – яъне қобилияти кор бо иттилооти таърихӣ, таҳлил ва интиқоли он, истифодаи воситаҳои ТИК, риояи меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқии иттилоотӣ – яке аз унсурҳои муҳими салоҳиятнокии касбии

омӯзгорони соҳаи таърих ба шумор меравад. Ин салоҳият на танҳо аз ҷониби донишҷӯён барои кор бо манбаъҳои таърихӣ зарур аст, балки ҳамчун муҳаррики асосии худомӯзӣ, таҳқиқот ва андешаронӣ низ баромад мекунад.

Мушоҳида ва таҳлили вазъи кунунии таълими таърих дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки бо вуҷуди талошҳои ҷиддии давлат дар самти рақамисозии соҳаи маориф, ҳанӯз ҳам камбудиҳои ҷиддӣ дар бахши инфрасохтор, омодагии кадрӣ ва сатҳи истифодаи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ вуҷуд доранд. Ҳамин ҳолат зарурат ба амал овард, ки равандҳои таълимии анъанавӣ бо равишҳои наву муосири рақамӣ, аз қабили омӯзиши фосилавӣ, платформаҳои рақамӣ (Moodle, Google Classroom), тахтаҳои интерактивӣ, видеодарсҳо ва методҳои таълими таҳлилӣ муттаҳид карда шаванд.

Истифодаи технологияҳои муосир дар таълими фанни таърих имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯён муҳити омӯзиширо аз як самти иттилоотқабулкунанда ба муҳити таҳқиқотӣ ва ҳамкорӣ табдил диҳанд. Ба воситаи дастрасӣ ба осорхонаҳои виртуалӣ, манбаъҳои рақамишуда, моделсозии рӯйдодҳои таърихӣ ва муҳокимаронии маҷозии воқеаҳо, имкони ташаккули тафаккури интиқодӣ, малакаи таҳлилӣ ва қобилияти истифодаи мустақили иттилоот ба вуҷуд меояд. Ин раванд донишҷӯёнро ба субъектҳои фаъолу мустақили таълим ва таҳқиқот табдил медиҳад.

Нуқтаи муҳими дигари таҳқиқот, ки аҳамияти стратегӣ дорад, муттаҳид кардани арзишҳои миллию таърихӣ бо имкониятҳои технологии муосир аст. Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоиди эҳёи арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва забонӣ ба вуҷуд омад, ки имкони такмили барномаҳои таълимии фанни таърих ва таҳкими худшиносии миллиро фароҳам сохт. Дар ин замина, татбиқи «амсилаи иттилоотӣ» дар тайёр кардани омӯзгорони ояндаи таърих ҳамчун як модели самараноки таҳсилот пешниҳод мегардад. Ин амсила омӯзишро ба раванди муттаҳидсозии унсурҳои анъанавӣ ва рақамӣ табдил дода, омӯзгоронро бо

малакаҳои муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ таъмин мекунад.

Таҳқиқот инчунин собит сохт, ки донишҷӯёне, ки дар муҳити рақамии омӯзишӣ ва дар асоси равишҳои муосири таълими таърих таҳсил мекунанд, қобилияти таҳлили амиқи рӯйдодҳои таърихӣ, таҳқиқи мустақили манбаъҳо ва арзёбии интиқодии иттилоотро беҳтар аз дигарон аз худ менамоянд. Онҳо ҳамчун мутахасисони рақобатпазир ва мутобиқшаванда ба шароити бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ омода мешаванд.

Аз ин рӯ, дар замони кунунӣ зарурати таҷдиди назар дар мазмун ва методикаи таълими таърих, бо такя ба технологияҳои муосир ва рушди салоҳиятнокии иттилоотӣ, як амри ногузир мебошад. Амсилаи таҳсилот бояд ба воқеияти ҷомеаи иттилоотӣ мувофиқ бошад ва омӯзгори таърихро ҳамчун мутахассисе омода созад, ки ҳам таҳқиқ карда метавонад, ҳам бо иттилоот дуруст кор мебарад ва ҳам дар тарбияи маърифатии хонандагон нақши фаъол дорад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур нишон медиҳанд, ки истифодаи оқилонаи ТИК дар таълими таърих дар шароити истиқлолияти давлатӣ на танҳо ба беҳтар гардидани сифати таҳсилот, балки ба ташаккули шахсиятҳои худшинос, таҳлилгар ва масъулиятшинос мусоидат мекунад. Ин раванд на танҳо ҷавобгӯи талаботи замони рақамӣ аст, балки василаи муҳими рушди устувори маорифи миллӣ ва таҳкими ҳувияти миллии насли нав мебошад. Аз ин лиҳоз, татбиқи пайгиронаи технологияҳои иттилоотӣ ва тақвияти салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯёни ихтисоси таърих бояд ба сифати афзалияти стратегии низоми таҳсилоти олӣ пазируфта шавад.

Бояд гуфт, ки таҳсилоти олии касбии муосири Тоҷикистон имрӯз ба он равона мегардад, ки мутахассисони оянда ТИК-ро дар фаъолияти педагогӣ дуруст истифода баранд.

1. Таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии таҳсилоти омӯзгорӣ нишон дод, ки муносибати салоҳиятнок дар тайёр кардани кадрҳои педагогӣ мавқеи устувор пайдо кардааст. Дар ҳамин замина, зарурати иҷтимоию давлатӣ ба омӯзиши масъалаи истифодаи ТИК дар таълим, аз ҷумла дар мисоли

донишҷӯёни факултети таърих ва ҳуқуқи ДДБ ба номи Носири Хусрав, асоснок мегардад. Рӯйҳамрафта дар таҳқиқот бахши мақсадгузорӣ ва пояи консептуалӣ ва барномавии омода намудани коршиносон барои маориф чун шолудаи иқтидори заминавӣ ва ҳуқуқии амсилаи методии муаллиф баромад мекунад [2-М];

2. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ равишҳои асосии назариявӣ оид ба моҳият ва сохтори салоҳияти иттилоотӣ ҳамчун мафҳуми марказии таҳқиқот муайян гардиданд [1-М].

3. Омодагии иттилоотии донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ ҳамчун сифати муҳимми касбӣ шарҳ дода шуд. Он сатҳи донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва қобилияти татбиқи онҳоро дар ҷараёни азхудкунии барномаи асосии таҳсилоти олии касбӣ ифода менамояд [3-М].

4. Аз ин рӯ, натиҷаи фаъолияти низом омодагии омӯзгорони оянда нисбат ба истифодаи он дар ҷараёни таълимию тарбия, ки сифати ҳамгирои шахсиятро дар натиҷаи аз худ кардани донишҳои ҳамгирои назариявию методӣ, методӣ ва амалӣ ва фаъолгардонии когнитивӣ, мотиватсионӣ ва, эмотсионалӣ-ихтиёрии донишҷӯёнро дар назар дорад мебошад [5-М];

5. Дар хонандагон аломати асосии динамикаи омодагии мизони тайёрии онҳо аз репродуктивӣ ба тадқиқот ва аз он ба эҷодкорӣ мебошад [4-М];

6. Дар асоси таҳлили адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва методӣ амсилаи сохторию функсионалии ташаккули омодагии донишҷӯён ба истифодаи ТИК таҳия ва шарҳ дода шуд. Амсила аз унсурҳои ҳадафӣ, методологӣ, мундариҷавӣ, ташкилӣ, равандӣ, технологӣ, меъёрию арзёбӣ, ислоҳӣ ва иҷроишӣ иборат буда, сатҳҳои паст, миёна ва баланди омодагии иттилоотии донишҷӯёни факултети таърихи донишгоҳи омӯзгориро дар бар мегирад [4-М].

7. Ташаккули омодагии иттилоотии хатмкунандагониояндаи факултети таърих ҳамчун раванди пайдарпай ва тадриҷан рушдёбанда нишон дода шуд. Аз ин рӯ, донишҷӯён бояд фанҳои марбут ба технологияҳои иттилоотиро, ки дар барномаи таълимии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав пешбинӣ шудаанд, мунтазам аз худ намоянд [2-М].

8. Чунин ташкили таълим имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар солҳои аввали таҳсил донишҳои умумии назариявиро соҳиб шаванд ва дар зинаҳои минбаъда онҳоро тавассути методикаи ташаккули маҳорату малакаҳои зарурӣ мустаҳкам намоянд. Ин раванд ба рушди самараноки омодагии иттилоотии донишҷӯёни факултети таърих мусоидат мекунад [2-М].

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳо

Бо такя ба корҳое, ки мо зимни тадқиқотҳои хеш ҷиҳати тайёрии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти педагогӣ анҷом додем, метавонем як идда аз пешниҳодро ироа намоем:

– дар ҷараёни таълим ва тадриси фанҳо, минҷумла фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифодаи ТИК чун воситаи ҳаллу фасли масоил ба мақсад мувофиқ мебошад;

– зарур аст, ки нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва воситаҳои омӯзишӣ аз фанҳои педагогика, психология ва методикаҳои хусусии таълим бо дарназардошти истифодаи ТИК такмил ва татбиқ карда шаванд;

– омодагии такрории омӯзгорони кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба асосҳои истифодаи ТИК дар таҳқиқоти равоншиносӣ ба роҳ монда шавад.

Инкишофи минбаъдаи таҳқиқот дар ин самт, ба андешаи мо, метавонад аз рӯйи масъалаҳои зерин идома ёбад:

– таҳияи мазмуни информатикаи ба фан нигаронидашуда дар омӯзиши таърих ва дигар фанҳо;

– асоснок намудани истифодаи оқилонаи ТИК дар низоми таҳсилоти муттасил аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ.

– дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ба таври ҳамаҷониба мавриди истифода қарор додани техникаи ҳисоббарор;

– алоқамандии ТИК ба рушди низоми омодагии инфиродию эҷодии кӯдакони лаёқатманд ва монанди инҳо.

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## а) Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР чоп шудаанд:

[1-М]. *Мирзоев А.,* ***Раҳимова С.Н.*** Татбиқи низоми таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба амсилаи иттилоотонии омӯзгорони ихтисоси таърих [Матн] / А. Мирзоев, С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. – 2023. – №4-2(33). – С. 276-282.

[2-М]. ***Раҳимова, С.*** Татбиқи муносибатҳои босалоҳият дар таҷрибаи таҳсилоти ватанӣ [Матн] / С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – С. 88-89. – №1-2 (98). – ISSN-2663-5534.

[3-М]. ***Рахимова, С.*** Теоретические основы информационной компетентности студентов-историков [Текст] / С. Рахимова // Вестник Таджикского нациольного университета. – 2022. – №7. – С. 273-281. – ISSN-2074-1847.

[4-М]. ***Раҳимова, С.*** Амсилаи такмили истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти оли педагогии Чумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҳимова // Пайёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2022. – №3(28). – С. 104-114. – ISSN-2616-5260.

[5-М]. ***Раҳимова, С.*** Масалаҳои рушди босуръати технологияҳои пешрафта дар низоми маориф [Матн] / С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – №1-2 (98). – ISSN-2663-5534.

## *б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд:*

[6-М]. ***Раҳимова, С.*** *Гулов, Д.* Татбиқи функсияҳо дар барномаи MS EXSEL бо истифодабарии забонҳои барноманависӣ [Матн] / Д. Гулов, **С.** Раҳимова // Конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявaӣ дар мавзӯи «масъалаҳои мубрами мматематика дар замони муосир: дурнамо ва ҳали онҳо» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои физи ка математика, профессор, шодравон Раҳмат Акбаров. – Душанбе, 2019. – С. 236-239.

[7-M]. ***Раҳимова, С.*** Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртибооти дар мактабҳои муосир [Матн] / С. Раҳимова // Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» Бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ва 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1 дар соли 2020). – Кӯлоб, 2020. – С. 258-261.

[8-M]. ***Раҳимова, С.*** Истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҳимова // Конфкркнсияи умумидонишгоҳии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми профессор Шарипов Ф.Ф. дар рушди технологияи иттилооти дар соҳаи таҳсилоти олии касби Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 262-264.

[9-M]. ***Раҳимова, С.*** Татбиқи амсилаи иттилоотонии омӯзгорони ояндаи фанни таърих. Дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҳимова // Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ таҳқиқоти дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022. Бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 Солҳои рушди саноат. Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ. – Душанбе, 2022. – С. 131-132.

[10-M]. *Холов, А.* Мушкилоти рафти таълим дар ҷараёни таълимоти фосилавӣ [Матн] / А. Холов, **С. Раҳимова** // Конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявай дар мавзӯи «масъалаҳои мубрами мматематика дар замони муосир: дурнамо ва ҳали онҳо» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои физи ка математика, профессор, шодравон Раҳмат Акбаров. – Душанбе, 2019. – С. 276-277.

[11-M]. *Холов, А.* Ташкили корҳои лабораторӣ бо истифода аз таъминоти барномавии анъанавӣ [Матн] / А. Холов, **С. Раҳимова** // Конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявай дар мавзӯи «масъалаҳои мубрами мматематика дар замони муосир: дурнамо ва ҳали онҳо» бахшида ба 80-

солагии доктори илмҳои физи ка математика, профессор, шодравон Раҳмат Акбаров. Душанбе, 2019. – С. 278-279.

[12-М]. ***Раҳимова С.Н.,*** *Мирзоев А.* Истифодаи технологияҳои муосири таълим дар раванди омузиши фанни таърих ва фанҳои гуманитарӣ [Матн] / ***С.Н. Раҳимова,*** *А. Мирзоев* // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат, рушд ва имкониятҳои истифодабарии самараноки он” бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 ва рузи энергетикҳо (20-21 декабри соли 2024). – Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб., 2024. – С. 503-506.

[13-М]. ***Раҳимова С.Н.*** Нақши ТИК дар баланд бардоштани самаранокии таълими таърих [Матн] / ***С.Н. Раҳимова*** // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои муосири математика ва таълими он ” бахшида ба <<Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф>> (солҳои 2020-2040) ва 35- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (31майи-соли 2025 (қисми –2)– Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – С . 193-194).

[14-М]. ***Раҳимова С.Н.*** Бартарафнамоии мушкилоти дарси таърих тавассутти истифодаи ТИК ва технологияи иттилоотӣ [Матн] / ***С.Н. Раҳимова*** // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Технологияи баланд бардоштани мақому манзалат ва уҳдадориҳои омӯзгор». - Кӯлоб, 2025. – С. 175-179.

[15-М]. ***Раҳимова С.Н.,*** *Мирзоев А.* Имконоти истифодаи ТИК дар раванди таълими таърих [Матн] / ***С.Н. Раҳимова,*** *А. Мирзоев* // Конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Татбиқи низоми рақамӣ дар соҳаи маориф: навоварӣ ва зеҳни сунъӣ», дар ҳошияи эълон шудани Солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ва 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзи ва дақиқ барои 2020-2040 Кӯлоб (23-24 апрели соли 2026). – С. 32-41

***в) Дастурҳои таълимӣ***

[16-М]. Раҳимова С.Н. Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар мактабҳои олӣ. Душанбе: «Матбаа», 2023.- 96 с.

[17-М]. Раҳимова С.Н. Технологияи иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ва салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯёни ихтисоси таърих. - Душанбе: «Матбаа», 2023.- 96 с.

**МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ»**

***На правах рукописи***

**ВБД: 03+9302(точ)**

**РАХИМЗОДА САРВИНОЗ НАЗРУЛЛО**

# ПОДГОТОВКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИСТОРИИ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т**

диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 5.3.11.1. Теория и технология обучения истории таджикского народа

**Куляб- 2026**

Диссертация выполнена на кафедре методики преподавания информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Мирзоев Абдулазиз Раджабович** - доктор педагогических наук, заведующий кафедрой программирования и интеллектуальных систем Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана |
| **Официальные оппоненты:** | **Назаров Ахтам Пулотович** -доктор педагогических наук, профессор кафедры цифровых технологий и кибербезопасности Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.<br><br>**Саиднуриддинзода Ахлиддин Саиднуриддин-** кандидат педагогических наук, заместитель директора Агентство по охране культурного наследия при Правительстве Республики Таджикистан |
| **Ведущая организация:** | Государственное образовательное учереждение «Дангаринский государственный университет» |

Защита диссертации состоится «19» сентября 2026 года в 11:00 часов на заседании разового диссертационного совета 6D.KOA-048 по защите кандидатских диссертаций при Бохтарском государственном университете имени Носира Хусрава (по адресу: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, пр. Айни, 67). E-mail: shuhrat86.86@mail.ru; номер телефона учёного секретаря (+992) 918 72 07 01.

С содержанием диссертацией и её авторефератом можно ознакомиться в библиотеке Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава и на сайте www.btsu.tj

Автореферат разослан «______» ___________________2026 г.

Учёный секретарь
диссертационного совета,
кандидат педагогических наук Раҳматуллоҳзода Ш.Р.

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Информационно-коммуникационные технологии в системе образования Республики Таджикистан открывают широкие возможности для совершенствования образовательного процесса. Они способствуют не только повышению эффективности обучения, но и обеспечивают более широкий доступ к информации, эффективное использование современных средств обучения и создают условия для развития современных образовательных услуг.

Использование информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в образовательных учреждениях способствует трансформации традиционных форм обучения, делая образовательный процесс более активным, интересным и соответствующим требованиям информационного общества. Благодаря данным технологиям педагоги получают возможность представлять учебный материал различными способами, активизировать познавательную деятельность учащихся и повышать качество образования.

Таким образом, активное вовлечение студентов в образовательный процесс обеспечивает переход от традиционной преподавательско-ориентированной модели обучения к студентоориентированному обучению. В таких условиях студенты перестают быть лишь пассивными слушателями и становятся активными участниками процесса поиска, освоения и практического применения знаний.

Данный подход делает образовательную среду более интересной и интерактивной как для преподавателя, так и для студентов. При этом изменяется и роль преподавателя: он уже выступает не только в качестве источника знаний, но и в роли наставника, организатора и координатора учебной деятельности студентов.

Использование такого подхода предоставляет студентам возможность принимать на себя большую ответственность за собственное обучение. Они самостоятельно осуществляют поиск необходимой информации, анализируют полученные знания, обмениваются ими с другими и постепенно развивают

способность осознанно управлять собственным учебным процессом. В результате студенты могут определять личные цели своего дальнейшего развития и целенаправленно стремиться к их достижению.

Вместе с тем информационно-коммуникационные технологии способствуют повышению готовности преподавателей к решению актуальных задач современного образования. Они позволяют педагогам глубже осознавать многогранность своих профессиональных функций и более эффективно организовывать образовательный процесс.

ИКТ имеют важное значение не только для совершенствования профессиональных знаний и компетенций преподавателей, но и создают условия для творческого применения современных методов обучения. Использование данных технологий позволяет сделать процесс обучения более интересным и эффективным, повысить темпы усвоения учебного материала, а также содействовать интеллектуальному и познавательному развитию студентов.

В образовательных учреждениях, не располагающих достаточным доступом к современным техническим средствам, таким как компьютеры, ноутбуки, планшеты или смартфоны, возможности информационно-коммуникационных технологий могут быть реализованы посредством радио- и телевизионных образовательных программ. Такая форма обучения, особенно в условиях ограниченных технических ресурсов, может служить эффективным дополнительным средством организации образовательного процесса. Для данной категории обучающихся могут использоваться и традиционные средства ИКТ, включая иллюстрации, модели, графики, периодические издания, наглядные материалы и учебные выставки. Преподаватели, применяя ИКТ, имеют возможность разрабатывать учебные занятия, составлять тестовые задания и организовывать диагностические работы для оценки учебных достижений студентов. В свою очередь, студенты могут выполнять учебные задания с использованием текстового редактора Microsoft Word, создавать творческие проекты и работать с готовыми шаблонами.

Формирование подобных навыков имеет особое значение для дальнейшей профессиональной деятельности будущих педагогов, поскольку способствует развитию умений по сбору, обработке и представлению информации в наглядной форме с использованием гистограмм, круговых диаграмм и других средств визуализации данных.

Использование информационно-коммуникационных технологий предоставляет высшим учебным заведениям возможность организовывать дистанционное обучение. Данная форма обучения является полезной не только для студентов, но и для преподавателей и сотрудников, поскольку создает условия для получения знаний и повышения квалификации без необходимости постоянного присутствия в образовательной организации.

ИКТ имеют важное значение для профессиональной деятельности преподавателей. Они способствуют их профессиональному развитию, создают возможности для совершенствования различных компетенций, в том числе языковых навыков. Кроме того, преподаватели могут принимать участие в различных сертификационных программах, организуемых ведущими образовательными учреждениями.

С помощью аудио- и видеоконференций преподаватели получают возможность участвовать в консультациях, семинарах и научно-практических конференциях совместно с экспертами и коллегами. Такое профессиональное взаимодействие способствует постоянному обновлению знаний, обмену опытом и дальнейшему развитию профессиональных компетенций преподавателей.

Информационно-коммуникационные технологии также оказывают существенную поддержку преподавателю в применении инновационных методов обучения. С их помощью преподаватель может организовывать совместную работу со студентами над проектами и различными учебными заданиями, разрабатывать учебно-методические материалы и домашние задания, а также участвовать в семинарах и других мероприятиях по повышению квалификации без отрыва от профессиональной деятельности.

Кроме того, ИКТ предоставляют преподавателю возможность ориентировать студентов на использование образовательных интернет-ресурсов, электронных библиотек, электронных учебников и социальных сетей в учебных целях.

Наряду с этим ИКТ оказывают помощь преподавателю в разработке образовательных программ по учебным дисциплинам. Они позволяют изучать образовательные программы различных стран, сопоставлять и анализировать зарубежный опыт, а также учитывать особенности контингента обучающихся, включая социальные и психологические аспекты, оказывающие влияние на образовательный процесс.

Данный подход предоставляет преподавателю возможность разрабатывать образовательную программу в соответствии с целями учебной дисциплины и требованиями образовательного процесса. Использование информационно-коммуникационных технологий значительно облегчает деятельность как преподавателя, так и студента, способствует более доступному и эффективному усвоению учебного материала. Кроме того, студент получает возможность поддерживать связь с преподавателем посредством сети Интернет и оперативно получать необходимую информацию по интересующим его вопросам.

Таким образом, в настоящее время существует широкий спектр программных средств, способствующих повышению эффективности образовательного процесса. Эти программы создают благоприятные условия для взаимодействия преподавателей и студентов, обеспечивают организацию учебной коммуникации и содействуют более успешному освоению знаний по конкретным учебным темам.

С помощью данных технологий преподаватели могут разъяснять различные вопросы, связанные с учебным процессом, а студенты — более эффективно усваивать представленный учебный материал и принимать активное участие в образовательной деятельности.

В целом использование современных информационно-коммуникационных

технологий в современных условиях имеет важное и актуальное значение для преподавателей и студентов исторических специальностей и направлений подготовки, поскольку способствует повышению качества образования, развитию профессиональных компетенций и совершенствованию организации учебного процесса.

**Степень научной разработанности темы исследования.** Вопросы развития сущностных основ и личностных качеств человека, имеющих важное значение для его будущего профессионального становления, признаются одной из актуальных проблем философии, психологии и педагогики. К различным аспектам данной проблемы в разные исторические периоды обращались классики педагогической и психологической науки, среди которых А. Дистервег [13], О.А. Козлов [20], Т.П. Петухова [32] и другие.

